«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара, доктори илмҳои иқтисодӣ
_______________ Хайрзода Ш.Қ.
«_23_»_____06_______с.2023.

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА

Диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи “Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 –фалсафаи иҷтимоӣ дар кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара ба анҷом расидааст.

Муллоботур Муллобаҳодур соли 2015 факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси сиёсат ва идораи давлатӣ хатм карда, фаъолияти худро аз солҳои 2016-2017 ба ҳайси ассистенти кафедраи идораи давлатӣ ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Данғара оғоз намудааст.

Ба довталаби дараҷаи илмӣ Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳони номзадӣ аз тарафи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 10-уми июни соли 2023, №80 дода шудааст.

Роҳбари илмӣ Маҳмадизода Нозим Давлатмурод – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Мавзуи диссертатсия ва ризоияти роҳбари илмии унвонҷӯй дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара аз 24 апрели соли 2017, таҳти №8 тасдиқ гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокима ва баррасӣ ҷаласаи кафедраи фанҳои гуманитарӣ **ба чунин хулоса омад:**

Диссертатсия дар сатҳи хуби илмию назариявӣ таълиф ёфта, аз муқаддима, ду боб бо фарогирии шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти муҳаққиқ иборат аст.

Диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҷомеаи тоҷикистонӣ бахшида шудааст. Муҳимияти омӯзиши мавзуе, ки барои таҳқиқи диссертатсионӣ интихоб шудааст, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бебаҳс аст. Мураккабӣ ва номутаносибии инкишоф, ки аз падидаву ҳодисаҳои мухталифи ҳаёти

ҷамъиятӣ бармеояд, хусусияти объективии раванди гузариши таърихӣ ба ҳисоб меравад. Ба ҳайси чунин падидаҳои манфии давраи гузариш "ифротгароӣ" махсусан, "ифротгароии динӣ" баромад менамояд, ки бо фишору зӯроварӣ, истибдод, бераҳмиву золимӣ алоқаманд буда, ба амнияти ҳаёти шахсии одамон, оила ва ҷомеа таҳдид ва хатарро ба миён меорад.

Ифротгароии динӣ шакли зуҳуроти ифротгароӣ аст, ки дар асоси ғояҳо ва таълимотҳо, арзишҳо ва меъёрҳои қолабӣ, ки бо номи "динӣ" унвон мешаванд, пайдо мегардад. Ба ин ҷанбаҳо пайравӣ намуда, дар шакли ниҳоии бунёдии динӣ ифротгароии диниро тавлид менамояд. Ифротгароии динӣ ҳамчун пайравӣ ба ақида ва амалҳои ниҳоӣ дар кӯшиши тағйирдиҳии ҷаҳони беруна мувофиқи ақида ва арзишҳои муайяни динӣ тасниф карда мешавад.

Зуҳурот ва паҳни ҳаракат ва созмонҳои ифротгароии динӣ тамоми ҷомеа ва динҳои расмии анъанавиро ба ташвиш овардааст. Воқеияти фазои маънавию психологии кишварҳои мухталиф, аз ҷумла кишварҳои рушдкунанда нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯза, онҳо аз як тараф объекти ғасби идеологии кишварҳои бузурги ҷаҳонӣ гардида, аз тарафи дигар ба доираи паҳни васеи ифротгароӣ дохил шудаанд. Дар чунин шакл паҳн гардидани ифротгароии динӣ дар кишварҳои миллӣ, пеш аз ҳама, бо омилҳои ифротии берунӣ алоқаманд аст.

Ҳамин тариқ, хулосаҳои ба даст омада, барои ҳаллу фасли масъалаҳои алоқаманд бо омӯзиш ва баррасии ифротгароии динӣ ва шаклҳои ниҳоии зуҳуроти он дар шароити муосир на танҳо аҳамияти илмӣ – методологӣ, балки аҳамияти бузурги амалиро доро мебошад, ки муҳиммияти таҳқиқоти дессертатсиониро боз ҳам зиёдтар менамояд.

Муҳтавои диссертатсия ва номи мавзуъ ба талаботи таҳқиқотии соҳавии шиносномаи ихтисоси 09.00.11. – фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

Муаллиф дар диссертатсия вобаста ба мавзуи таҳқиқот аз манбаъҳои муътамади илмӣ истифода намуда, ифротгароии динӣ, шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши онро дар ҷомеаи тоҷикистонӣ мавриди таҳлил ва баррасии амиқ қарор додааст.

**Мавзуи диссертатсия** ба зербанди 5-уми банди 4.5-и "Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад.** Ҳамзамон, таҳқиқоти мазкур дар самти илмҳои ҷомеашиносӣ, махсусан фалсафаи ватанӣ иқдоми муҳим ва наҷиб ба

шумор рафта, барои пешгирии хавфу хатарҳои ҷаҳони муосир, аз қабили тундгароӣ, ифротгароӣ ва махсусан ифротгароии динӣ метавонад ба сифати дастур, усул ва роҳҳои муҳими пешгирикунанда татбиқ шавад.

Диссертант дар раванди таҳқиқоти мавзуи таҳқиқшаванда паҳлуҳои мухталифи ифротгароӣ, махсусан ифротгароии диниро дар интишороти илмии худ, аз қабили 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин 5 мақола дар маводи конференсияҳои сатҳҳои гуногун, аз ҷумла дар маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявию умумидонишгоҳӣ нашр намудааст.

**Аз рӯи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия маълум гардид, ки дар кор як қатор навовариҳои илмии таҳқиқот мавҷуд мебошад:**

- дар доираи назарияҳои мавҷудаи фалсафӣ моҳияти «ифротгароӣ» ва «ифротгароии динӣ» муайян карда шуда, хусуситяҳои бевоситаи зуҳуроти мазкур нишон дода шудааст;

- сарчашмаҳои асосии пайдоиш ва рушди ифротгароии динӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шуда, таҳлили омилҳои пайдоиш ва самтҳои инкишофи ифротгароии динӣ ба таври маҷмӯӣ амалӣ карда шудааст. Моҳият ва хусусиятҳои ифротгароии динӣ ҳамчун таҳдид аз дигар шаклҳои ифротгароӣ ошкор карда шудааст;

- сабабҳо ва омилҳои асосии пайдоиш ва инкишофи ифротгароии динӣ дар кишварҳои миллӣ мувофиқ ба муҳимият гурӯҳбандӣ гардида, асоснок карда шудаанд. Дар ҳама ҳолат зуҳуроти ифротгароии динӣ аз якчанд сабаб ва омил вобаста мебошад. Сабабҳо ва омилҳои зуҳуроти ифротгароии динӣ дар ҷомеа ба таври маҷмӯӣ мавриди омӯзиш, баррасӣ ва таҳлили илмӣ - фалсафӣ қарор дода шудааст;

- баррасӣ ва таҳлили раванду ҳодисаҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосир нишон медиҳад, ки ифротгароии динӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти шахс, ҷомеа ва давлат ба ҳисоб меравад. Мақсади ҳаракату созмонҳои ифротии динӣ бунёди шакли исломии давлатдорӣ мебошад, ки бе ҳеҷ ваҷҳ бе бархӯрди мусаллаҳона амалӣ намегардад. Аз ин хотир асоснок гардидааст, ки фаъолгардии ҳаракату ҷараёнҳои ифротгароии динӣ дар шароити муосири инкишоф ба амнияти ҳар як ҷомеаи миллӣ таҳдид менамояд;

- роҳҳо ва воситаҳои самараноки мубориза бо ифротгароии динӣ ошкор ва таҳлил гардида, ҷанбаҳои иҷтимоӣ, ғоявию идеологӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ва маънавии чунин мубориза муайян карда шудаанд. Асоснок карда шудааст, ки роҳҳои самараноки мубориза бо ифротгароии динӣ, корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ба роҳ мондани маълумотгирии динӣ дар кишварҳои тозаистиқлол ба ҳисоб меравад, зеро аксарияти одамон дар

асоси надонистани консепсияҳои асосии динӣ ба ҳаракату ҷараёнҳои ифротӣ пайваст мешаванд;

- пешомади ифротгароии динӣ дар кишвар аз самаранокии роҳҳо ва воситаҳои мубориза бо ин падида вобаста аст. Асоснок карда шудааст, ки пешомади ифротгароии динӣ аз интихоби дуруст ва саривақтии роҳу воситаҳои мубориза, ки ба маданияти мардум мувофиқ бошад, вобаста аст. Ошкор карда шудааст, ки роҳи зӯроваронаи мубориза бо ифротгароии динӣ боиси васеъ гардидани чунин навъи ифротгароӣ мегардад ва метавонад натиҷаи манфӣ диҳад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** бо имконияти истифодаи натиҷаҳои назариявӣ ва методологии он дар таҳқиқи фаъолияти гурӯҳҳои ифротӣ муайян карда мешавад. Хулосаҳои муаллиф метавонанд ба омӯзиши дақиқи назариявии равандҳои ҷамъиятиву иҷтимоӣ, ифротгароии динӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ мусоидат намоянд. Илова бар ин, аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур дар ошкор намудан ва илман асоснок кардани фаъолияти ҳаракат ва созмонҳои ифротӣ зоҳир мегардад. Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқотро ҳангоми омӯзиши минбаъдаи масъалаи ифротгароии динӣ метавон истифода намуд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар мукаммал намудани роҳҳо ва воситаҳои мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ, махсусан ифротгароии динӣ зоҳир мегардад. Ҷиҳатҳои асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти мазкур дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, дар фаъолияти ҳаракатҳои иҷтимоӣ, иттиҳодияҳои гуногуни ҷамъиятӣ, дар раванди таълими фанҳои таълимии бахши илмҳои гуманитарӣ ва курсҳои махсус дар самти омӯзиши илмии масъалаҳои инкишофи ҳаёти ҷомеа истифода карда мешаванд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯй** таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф мебошад. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иштироки бевосита намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро мустақилона ҷамъбаст кардааст.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар 9 мақолаи чопнамудаи муаллиф, аз ҷумла 4 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маводи конференсияҳои сатҳҳои гуногун инъикос ёфтаанд, ки рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[1-М]. Муллоботур М. Ифротгароии динӣ ҳамчун таҳдиди сиёсӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,

Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, № 7. – Душанбе, 2018. – С. 309-312. ISSN 2413-5151.

[2-М]. Муллоботур М. Сабабҳо ва омилҳои ифротгароии динӣ дар шароити муосир // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, № 8. – Душанбе, 2018. – С. 307-311. ISSN 2413-5151.

[3-М]. Муллоботур М., Маҳмадизода Н.Д. Самтҳои асосии мубориза бо экстремизми динӣ дар шароити муосир // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, № 10/1. – Душанбе, 2020. – С. 307-311. ISSN 2413-5151.

[4-М]. Муллоботур М. Пешомади экстремизми динӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2021 / №4/1 (53). – С. 242-249. ISSN 2709-8567.

**Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

[5-М]. Муллоботур М. Экстремизми динӣ: моҳият ва хусусиятҳои он // Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмиву амалӣ дар мавзуи "Рушди туризми байналмилалӣ - омили муҳими пешрафти иқтисодиёти миллӣ", 27-30 – уми апрели соли 2018. – Душанбе, 2018. – С. 145-150.

[6-М]. Муллоботур М., Достиева М. Хатари ифротгароии динӣ дар замони муосир // Маводи форуми илмии умумидонишгоҳии "Қонуният ва низом дар идораи давлатӣ", бахшида ба хотираи Нурулло Ҳувайдуллоев – аввалин Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – С.161-165.

[7-М]. Исмоилзода М.И., Муллоботур М. Ташаккули маърифати идоракунии ҷавонон дар шароити Тоҷикистони муосир: масъалаҳо ва пешомади инкишоф // Самаранокии идоракунии давлатӣ ва рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуи маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ (ш. Душанбе, 25-26-уми ноябри соли 2022). – Душанбе. Матбааи АИДНПҶТ, 2022. – С.218-224.

[8-М]. Муллоботур М. Роҳҳои мубориза бо ифротгароӣ ва терроризм дар шароити имрӯза (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ). Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзуи "Терроризм ҳамчун омили таҳдидкунандаи пойдории давлатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ". – Душанбе: "Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон", 2023. – С.85-86.

[9-М]. Муллоботур М. Асосҳои назариявӣ – методологии омӯзиши ифротгароии динӣ дар низоми донишҳои фалсафӣ. Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзуи "Терроризм ҳамчун

омили таҳдидкунандаи пойдории давлатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ”. – Душанбе: “Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”, 2023. – С.90-92.

Дар хулосаи маҷлис муҳтавои диссертатсия, алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм дар ҷумҳурӣ, мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегарданд.

Автореферат ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия мувофиқ мебошад.

Кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара диссертатсияи номзадии Муллоботур Муллобаҳодурро дар мавзуи “Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)” кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳим меҳисобад, ки дар сатҳи зарурии илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина диссертатсияи мазкур ба ҳимоя ва барои дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара қабул карда шудааст. Протоколи № 11 аз 21-уми июни соли 2023.

Дар маҷлис 13 нафар, ки аз онҳо 1 нафар доктор ва 2 нафар номзадҳои илм, 4 нафар муаллими калон ва 6 нафар ассистент иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «ҷонибдор» - 13 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси маҷлис:**
иҷрокунандаи вазифаи мудири
кафедраи фанҳои гуманитарӣ Тиллозода А.А.

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти
кафедраи фанҳои гуманитарӣ Азизов К.Ҷ.

Имзои Тиллозода А.А. ва
Азизов К.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара Асадуллоева Д.

**Нишонӣ:** 735320, ш.-ки Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25.
Донишгоҳи давлатии Данғара
Тел.: (+992) 8331222842; Сомона: http:// www.dnu.tj
Почтаи электронӣ: E-mail: dddangara_2013@mail.ru